Тасдиқи рамзи Ҷашни байналмилалии Наврӯз 2018

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 15 Март, 2018 - 09:36
[1]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои соли 2018 рамзи Ҷашни байналмилалии Наврӯзро тасдиқ намуданд.

Рамзи мазкур намуди доирашакл дошта, дар мобайни он кураи замин ва дар атрофаш Парчами миллӣ ва пайки баҳор - суманак, парасту ва рангинкамон бо навиштаҷоти «Наврӯз – 2018» бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ инъикос ёфтааст.

Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, воситаҳои ахбори омма метавонанд аз рамзи Ҷашни байналмилалии «Наврӯз – 2018» васеъ истифода намоянд.

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3]

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/tasdiki-ramzi-chashni-baynalmilalii-navruz-2018?qt-quicktabs=0

Пайвандҳо
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/navruz_logo2018.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/ramzkhoi-davlatii-chumkhurii-tochikiston